**ПРОТОКОЛИ**

**Ҷаласаи якҷояи Шӯрои байниидоравии омории назди Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ**

Аз «10» июни соли 2022, №_1__ ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:

Ҳасанзода Г.К. – Раиси Шӯро - Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Давлатзода Қ. – Назоратчӣ – Муовини директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ҷурабойзода З.Ҷ. – Котиби Шӯро – Сардори раёсати ҷамъбасту таҳлили иқтисодӣ ва робитаҳои байналмилалии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Аъзоёни Шӯро:

Муовини якуми директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Сардори муассисаи давлатии «Маркази куллӣ ҳисоббарорӣ»-и Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Сардори сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе;

Намояндаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Намояндаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Намояндаи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Намояндаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Намояндаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Намояндаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Намояндаи Бонки миллии Тоҷикистон;

Намояндаи Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон;

Намояндаи Иттифоқи соҳибкорони Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Намояндаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Даъватшудагон:

Намояндаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Намояндаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Кормандони масъули Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Иштирок надоштанд:

Намояндаи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Намояндаи Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Намояндаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Намояндаи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Намояндаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Рӯзномаи ҷаласа:**

**1.** Нақшаи кории Шӯро барои соли 2022;

**2.** Дар бораи рафти татбиқи Лоиҳаи «Навкунии низоми миллии омор дар Тоҷикистон» пешравӣ ва мушкилот;

**3.** Дар бораи Низомномаи Кумитаи роҳбарикунандаи Лоиҳаи «Навкунии низоми миллии омор дар Тоҷикистон»;

**4.** Дар бораи заминагузорӣ барои таъсиси Регистри омории аҳолӣ: таҳияи китоби электронии хоҷагии хонаводаҳо дар маҳалҳои шаҳрӣ;

**5.** Дар бораи лоиҳаи Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2023.

Ҷаласаро Директори Агентӣ –Раиси Шӯрои байнидоравии омории назди Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Г.К. оғоз намуда, рӯзномаи ҷаласаро ба иштирокчиён муаррифӣ намуданд. Раиси Шӯро қайд карданд, ки тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Шӯрои байнидоравии омории назди Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки 6 июни соли 2010, №883 дар назди Агентии омор Шӯрои байнидоравии оморӣ таъсис дода шуда буд.

Илова ба ин, мутобиқи супориши дахлдори Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳи кории байнидоравӣ оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ соли 2016 ташкил гардида, сатҳи техникии гурӯҳи кори мазкурро Директори Агентии омор ба ӯҳда дорад. Дар ин давра якчанд маротиба ҷаласаҳои сатҳи техникӣ ва сатҳи олӣ доир гардида, такмили методология ва тақвияти корҳо ба сомон расонида шуд.

Шӯрои байнидоравии омории назди Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми машваратии оид ба ҳамоҳангсозии фаъолият дар соҳаи ташкили мушоҳидаҳои омории давлатӣ дар асоси методологияи илман асосноки оморӣ мебошад.

Гурӯҳи кори байнидоравӣ бошад, бевосита ба масъалаҳои такмили методологияи баҳисобгирии он, тақвияти фаъолияти байнидоравиро анҷом медиҳад.

Мутобиқи Низомномаи Шӯро, ба вазифаҳои асосии Шӯро баррасии ҳарсолаи натиҷаҳои фаъолияти мақомоти омори давлатӣ бо дарназардошти аз нав дида баромадани ҳисоботи омории давлатӣ, соддакунӣ ва кам намудани сарбории ҳисоботсупорандагон; баррасии пешниҳод оид ба ҳисобот ва мушоҳидаҳои омории нав ва ғайраҳо дохил мешавад.

Бо мақсади ҳамоҳангии фаъолияти мақомоти гуногуни давлатӣ дар самти баҳисобгирии оморӣ, ҷаласаи навбатӣ ба ҳамин масъалаҳо бахшида мешавад.

Сипас оид ба масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа сухан ба сардори раёсати ҷамъбасту таҳлили иқтисодӣ ва робитаҳои байналмилалии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷурабойзода З.Ҷ. дода шуд.

Номбурда дар бораи лоиҳаи Нақшаи кории Шӯро барои соли 2022 баромад намуда, оид ба чорабиниҳои банақшагирифташуда, масъулини иҷро ва муҳлати иҷрои онҳо суханронӣ намуд.

Бо назардошти баромад оид ба масъалаи якуми рӯзнома ва фикру андешаҳо,ҷаласаи якҷояи Шӯрои байнидоравии омории назди Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Гурӯҳи кории байнидоравӣ оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ***қарор кард:***

**1.** Нақшаи кории Шӯро барои соли 2022, ки бо дарназардошти таклифу пешниҳодҳои вазорату идораҳо такмил дода шудааст, тасдиқ карда шавад;

**2.** Ба котиботи Шӯро супориш дода шавад, ки то 20 июни соли 2022 нусхаи тасдиқшудаи Нақшаи кории Шӯро барои соли 2022-ро ба аъзоёни Шӯро дастрас намояд.

Доир ба масъалаи дуюми рӯзномаи ҷаласа гузориши ҳамоҳангсози Лоиҳаи «Навкунии низоми миллии омор дар Тоҷикистон» - Бобизода А. оид ба татбиқи Лоиҳа шунида шуд.

Дар гузориши худ Бобизода А. дар бораи ҳадафҳо, вазифаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти Лоиҳа, инчунин сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва қисматҳои (компонентҳои) Лоиҳа маълумот дод.

Қайд карда шуд, ки ҳадафи асосии Лоиҳа ин мусоидат ба навкунии низоми омори давлатӣ ҷиҳати дастгирии самараноки сиёсати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Фаъолияти мазкур тавассути роҳандозии чорабиниҳо вобаста ба пешниҳоди маълумоти боэътимодва сифатнок, таъмини дастрасии осон ба маълумоти оморӣ, баланд бардоштани истифодаи маълумот ва захираҳои маъмурии бахши хусусӣ ба амал бароварда мешавад.

Яке аз мушкилоти асосии татбиқи Лоиҳа кушодани набудани «пешпардохт – аванс» мебошад. Барои ҳалли масъалаи мазкур мутобиқи мактуби иттилоотии Вазорати молия, вазорат якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Бонки миллӣ корбарӣ намуда истодаанд.

Дар навбати худ рӯзҳои 20-24 июни соли равон ташрифи навбатии ҳайати идоракунии Лоиҳа аз Бонки ҷаҳонӣ дар Агентии омор сурат мегирад.

Бо татбиқи Лоиҳаи мазкур на танҳо азнавсозии низоми ташаккули омор дар Агентии омор, балки дар дигар вазорату идораҳо – ташаккулдиҳандагони омори расмӣ амалӣ мегардад.

Дар ҷараёни муҳокима аз рӯи масъалаи дуюми рӯзнома намояндаи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки дар доираи Лоиҳаи мазкур интегратсияи маълумотҳои оморӣ байни Вазорати кишоварзӣ ва Агентии омор ба роҳ монда шавад.

Бо назардоштигузориш ва баррасии масъалаи дуюми рӯзнома,ҷаласаи якҷояи Шӯрои байниидоравии омории назди Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ***қарор кард:***

**1.** Гузориши ҳамоҳангсози Лоиҳаи «Навкунии низоми миллии омор дар Тоҷикистон» - Бобизода А. оид ба татбиқи Лоиҳа ба инобат гирифта шавад;

**2.** Аз Вазорати молия, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Бонки миллии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки ҷиҳати кушодани «пешпардохт» барои лоиҳаҳои Бонки Умумиҷаҳонӣ мусоидат намоянд;

**3.** Ба Гурӯҳи татбиқи Лоиҳа супориш дода шавад, ки амалишавии чорабиниҳои Лоиҳаро дар муҳлатҳои муайянгардида ва дар доираи маблағҳои пешбинишуда, таъмин намояд ва аз рафти иҷрои корҳо дар ҷаласаи навбатии Шӯро ахборот манзур намояд.

Оид ба масъалаи сеюми рӯзнома муовини Директори Агентии омор Давлатзода Қ. ба сухан баромад дар бораи Низомномаи Кумитаи роҳбарикунандаи Лоиҳаи «Навкунии низоми миллии омор дар Тоҷикистон» маълумот дод.

Номбурда қайд намуд, ки бо мақсади татбиқи сариваќтӣ ва босамари лоиҳаҳои инвеститсионию грантӣ аз рӯи таҷриба Кумитаи роҳбарикунанда таъсис дода мешавад.

Дар мувофиқа бо Бонки умумиҷаҳонӣ дар Агентӣ лоиҳаи Низомномаи Кумитаи роҳбарикунандаи Лоиҳаи «Навкунии низоми миллии омор дар Тоҷикистон» таҳия ва барои баррасӣ ба аъзоёни Шӯро манзур карда шуд.

Низомномаи мазкур аз муқаррароти умумӣ, нақш ва вазифаҳои Кумитаи роҳбарикунандаи Лоиҳаи «Навкунии низоми миллии омор дар Тоҷикистон», сохтор ва ташкили кор ва котиботи Кумитаи роҳбарикунандаи Лоиҳа иборат буда, тартиби фаъолияти Кумитаи роҳбарикунандаи Лоиҳаро танзим менамояд.

Дар ҷараёни муҳокимаи Низомномаи Кумитаи роҳбарикунандаи Лоиҳа намояндаи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки дар қисмати сохтор ва ташкили кори Низомнома номи Вазорати кишоварзӣ илова карда шавад.

Бо назардоштигузориш ва баррасии масъалаи сеюми рӯзнома,ҷаласаи якҷояи Шӯрои байниидоравии омории назди Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ***қарор кард:***

**1.** Гузориши муовини Директори Агентии омор – Давлатзода Қ. дар бораи Низомномаи Кумитаи роҳбарикунандаи Лоиҳаи «Навкунии низоми миллии омор дар Тоҷикистон» ба инобат гирифта шуда, бо назардошти таклифу пешниҳодҳои аъзоёни Шӯро барои тасдиқ намудан ба Раиси Кумитаи роҳбарикунандаи Лоиҳаи «Навкунии низоми миллии омор дар Тоҷикистон», Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Г.К. пешниҳод карда шавад;

**2.** Ба котиботи Кумитаи роҳбарикунандаи Лоиҳа – Гурӯҳи татбиқи Лоиҳа (ГТЛ) супориш дода шавад:

- оид ба раванди амалишавии ҳадафҳои асосии Лоиҳа ҳар семоҳа ба Раиси Кумитаи роҳбарикунандаи Лоиҳаи «Навкунии низоми миллии омор дар Тоҷикистон» (ва аъзоёни Кумитаи роҳбарикунанда) ахбороти муфассал пешниҳод намояд;
- то 20 июни соли 2022 нусхаи тасдиқшудаи Низомномаи Кумитаи роҳбарикунандаи Лоиҳаи «Навкунии низоми миллии омор дар Тоҷикистон»-ро ба аъзоёни Кумитаи роҳбарикунандаи Лоиҳа (КРЛ) пешниҳод намояд;

**3.** Вазорату идораҳо – аъзоёни КРЛ то санаи 20 июни соли 2022 ба Гурӯҳи татбиқи Лоиҳаи «Навкунии низоми миллии омор дар Тоҷикистон» номзадҳоро дар сатҳи муовини якуми роҳбари мақомот пешниҳод намоянд.

Дар робита ба масъалаи чоруми рӯзнома сухан ба сардори раёсати омори демографӣ, шуғли аҳолӣ ва иҷтимоӣ Набизода А. дода шуд.

Набизода А. дар гузориши худ дар бораи заминагузорӣ барои таъсиси Регистри омории аҳолӣ: таҳияи китоби электронии хоҷагии хонаводаҳо дар маҳалҳои шаҳрӣ маълумоти муфассал пешниҳод намуд.

Қайд карда шуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1992 барои ҷорӣ намудани феҳрист (реестр) ва рақами ягонаи шахсӣ, таҳти рамзи шартии «рамзи Шаҳрванд» кӯшиш карда шуда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси регистри аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 11 марти соли 1992, №563 қабул гардид. Аз 10 июни соли 1992 Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Феҳристи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» № 214 қабул гардида буд.

Дар Стратегияи миллии рушди омори Ҷумҳурии Тоҷикистон (СМРО) барои давраи то соли 2030, фароҳам овардани замина барои таъсис ва ё ҷорӣ намудани Феҳристи аҳолӣ тариқи гузариш ба пурсишномаҳои электронӣ дар доираи раванди

низоми мукаммали ҷамъоварии маълумоти электронӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳои маъмурӣ ба омори расмӣ пешбинӣ шудааст.

Яке аз қадамҳои нахустин ин гузариш ба китоби электронии хоҷагии хонаводаҳо барои баҳисобгирии хоҷагиҳо дар маҳали аҳолинишини деҳот (ҷамоатҳои деҳот) ба ҳисоб меравад. Таҳияи китоби электронии хоҷагии хонаводаҳо дар ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот бо маром идома дошта, то санаи 25 майи соли 2022 раванди дохилкунии маълумоти аввалия бо мақсади таҳияи махзани маълумот оид ба аҳолӣ ва дигар нишондиҳандаҳо дар маҷмӯъ дар 297 ҷамоати шаҳрак ва деҳоти ҷумҳурӣ (қариб 70 фоиз) ба роҳ монда шудааст. Дар боқимонда ҷамоати шаҳраку деҳот, фаъолияти мазкур дар нимсолаи дуюми соли равон бо дарназардошти сари вақт таъмин гардидани онҳо бо компютерҳо ва ноутбукҳои муосир ба роҳ монда мешавад.

Мусаллам аст, ки дар сурати пурра ба роҳ монда шудани китоби электронии хоҷагии хонаводаҳ дар ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот, таҳияи махзани маълумот дар сатҳи зиёда аз 75 фоиз ба сомон расонида мешавад.

Барои таҳияи махзани мукаммал зарурати таҳияи механизми муосир дар маҳалҳои шаҳрӣ (шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Кулоб, Хоруғ, Исфара, Конибодом, Бӯстон, Гулистон, Истаравшан, Панҷакент, Левакант, Норак, Турсунзода, Ваҳдат ва Роғун) ҳамчун қадами навбатӣ авлавият дорад.

Бо мақсади таҳияи чунин механизм мақомоти омори давлатӣ ба нақша гирифтааст, ки семинари машваратиро оид ба заминагузорӣ барои таъсиси регистри омории аҳолӣ: таҳияи китоби электронии хоҷагии хонаводаҳо дар маҳалҳои шаҳрӣ бо дастгирии молиявии Намояндагии Хазинаи нуфуси СММ бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳои ҷумҳурӣ доир намояд.

Бо назардошти гузориш ва муҳокимарониҳо оид ба масъалаи чоруми рӯзнома,ҷаласаи якҷояи Шӯрои байниидоравии омории назди Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ***қарор кард:***

**1.** Гузориши сардори раёсати омори демографӣ, шуғли аҳолӣ ва иҷтимоӣ Набизода А. оид ба раванди таҳияи китоби электронии хоҷагии хонаводаҳо дар сатҳи минтақаҳои ҷумҳурӣ ба инобат гирифта шавад;

**2.** Аз шарикони асосии Кумитаи роҳбарикунандаи Лоиҳаи «Навкунии низоми миллии омор дар Тоҷикистон», намояндагии Хазинаи нуфуси СММ дар Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки корҳоро дар самти таҳия ва гузариш ба китоби электронии хоҷагии хонаводаҳо дар сатҳи вазорату идораҳо мусоидат намоянд;

**3.** Аз Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки ҷиҳати аз нав баррасӣ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба Регистри аҳолӣ мусоидат намояд;

**4.** Ба Гурӯҳи татбиқи Лоиҳа супориш дода шавад, ки дар доираи амалишавии чорабиниҳои Стратегияи миллии рушди омор (СМРО)-и марҳилаи аввал барои солҳои 2019-2023, ҷиҳати то охири соли 2022 гузариш ва таҳияи пурраи китоби электронии хоҷагии хонаводаҳо дар сатҳи ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ чораҳои заруриро роҳандозӣ намуда, ҳар моҳ оид ба корҳои иҷрошуда дар ин самт ба Раиси Кумитаи роҳбарикунандаи Лоиҳа ахбороти муфассал пешниҳод карда шавад;

**5.** Котиботи Шӯро унвонии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон- роҳбари Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ мактуби дархостӣ ҷиҳати

гузаронидани семинари машваратӣ оид ба заминагузорӣ барои таъсиси Регистри аҳолӣ - таъсиси китоби электронии хоҷагии хонаводаҳо дар маҳалҳои шаҳрӣ, таҳия ва ирсол намоянд;

**6.** Аз вазоратҳои корҳои дохилӣ, корҳои хориҷӣ ва адлия дархост карда шавад, ки ҷиҳати таъсиси гурӯҳи корӣ дар сатҳи на пасттар аз сардори раёсат ба Агентии омор номзад пешниҳод намуда, мавқеи мақомотро вобаста ба таъсиси китоби электронии хоҷагии хонаводаҳо манзур намоянд.

Вобаста ба маълаи панҷуми рӯзнома сардори раёсати ҷамъбасту таҳлили иқтисодӣ ва робитаҳои байналмилалии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷурабойзода З.Ҷ. баромад намуда, қайд намуд, ки ҳамасола мақомоти омори давлатӣ лоиҳаи Барномаи корҳои омориро барои соли оянда таҳия ва бо вазорату идораҳои дахлдор мувофиқа месозад.

Мувофиқи муқаррарот пеш аз мувофиқа бо вазорату идораҳои ҷумҳурӣ ва таҳияи лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2023», он саравал дар доираи Шӯрои байниидоравии оморӣ муҳокима ва дида баромада мешавад.

Сипас оид ба шумораи шаклҳои ҳисоботи оморӣ ва ҷораёни электроникунонии шаклҳои ҳисоботӣ дар лоиҳаи «Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2023»маълумоти муфассал пешниҳод карда шуд.

Қайд карда шуд, ки мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2022» мақомоти омори давлатӣ дар давоми солҳои 2022-2023 бояд ҷиҳати пурра ба ҳисоботи электронӣ гузаштан тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намоянд.

Тавре маълум гашт, қариб 40 фоизи шаклҳои ҳисоботи дар Барнома дарҷшуда, ҳисоботи дохилиидоравии вазорату идораҳо мебошад ва дар ин замина ҳоҳиш карда мешавад, ки ҷиҳати бо усули электронӣ ба роҳ мондани онҳо тадбирҳои муассир андешида шавад.

Бо назардошти гузориш ва муҳокимаронихо оид ба масъалаи панҷуми рӯзнома, ҷаласаи якҷояи Шӯрои байниидоравии омории назди Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба такмили баҳисобгирии оморӣ***қарор кард:***

**1.** Гузориши сардори раёсати ҷамъбасту таҳлили иқтисодӣ ва робитаҳои байналмилалӣ Ҷурабойзода З. оид ба лоиҳаи «Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2023» ба инобат гирифта шавад;

**2.** Лоиҳаи «Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2023» бо назардошти таклифу пешниҳодҳои аъзоёни Шӯро маъқул дониста шавад;

**3.** Ба Котиботи Шӯро супориш дода шавад, ки лоиҳаи «Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2023»-ро барои баррасӣ ба вазорату идораҳои дахлдор ирсол намояд;

**4.** Аз аъзоёни Шӯро хоҳиш карда шавад, ки ҷиҳати дар муҳлатҳои кутоҳтарин пешниҳод намудани хулосаҳои вазорату идораҳо ба Агентии омор оид ба лоиҳаи «Барномаи корҳои оморӣ барои соли 2023» мусоидат намоянд.

Раиси Шӯро Г.Ҳасанзода

Котиби Шӯро З.Ҷурабойзода